## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).**

Таҳлил ва омӯзиши мавзуи "Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ" дар шароити муосир басо муҳим ва мубрам буда, бо зарурати такмили низоми ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, таҳкими адолати судӣ ва мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва густариши ҳамкориҳои иктисодии байнидавлатӣ, фаъолияти самараноки судҳои иқтисодӣ ҳамчун воситаи муҳими ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ аҳамияти хосса пайдо намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба ташаккул ва такмили низоми судҳои иқтисодӣ оғоз намуда, онҳоро ҳамчун мақомоти мустақили судӣ дар самти баррасии баҳсҳои иқтисодӣ таъсис дод. Дар ин замина, омӯзиши муқоисавии таҷрибаи кишварҳои ИДМ имконият медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва камбудиҳои амалияи ҳуқуқии мавҷуда муайян гардида, роҳҳои такмили фаъолияти судҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои ташаккул, рушд ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва муқоисаи онҳо бо таҷрибаи давлатҳои ИДМ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад барои такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳифзи судии ҳуқуқҳои иқтисодӣ мусоидат намояд.

Дар автереферат тамоми унсурҳои зарурии таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ бо риояи меъёрҳои методологӣ ва услуби академӣ муфассал инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, оюъекти омӯзиш ва предмети таҳлил, доираи хронологӣ, инчунин асосҳои назариявию методологӣ бо ишора ба усулҳои диадектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ ва оморӣ бо тавзеҳи дахлдор баён гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии бадастомада дар конфронсҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ гардида, 8 мақолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф нашр шудаанд, ки аз ин 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақолаи илмӣ дар нашриятҳои ватанӣ ҷой гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда, метавонанд дар қонунэҷодкунӣ, амалиёти судӣ ва таълими фанҳои ҳуқукт самаранок истифода шаванд.

Хулосаву натиҷаҳо бо такя ба усулҳои муосири таҳлил, манбаҳои муътамади миллӣ ва байналмилалӣ асоснок гардида, бо риояи

марҳилабандӣ ва ҳамбастагии назария бо амалия анҷом ёфта, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Новобаста ба ин, масъалаи баҳснок низ ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла:**

Дар автореферат масъалаи таҳлили муқоисавию ҳуқуқии рушди судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо ба назари мо ҷиҳати мукаммалтар гардонидани таҳқиқот истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии хориҷӣ ва таҷрибаи судии давлатҳои дигар низ мувофиқи мақсад мебуд.

Эроди овардашуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта, арзиши баланди илмӣ дорад, коста намегардонад.

Дар маҷмуъ ба таҳқиқот баҳои мусбати илмӣ дода шуда, метавон гуфт, ки муаллиф онро дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонидааст.

Дар асоси андешаҳои дар боло зикргардида метавон гуфт, ки диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи "Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ" таҳқиқоти нав ва аз лиҳози мантиқӣ ба анҷомрасида буда, ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи диссертатсия ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Раҳимзода С.О.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, М/Д Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5

Имзои Раҳимзода С.О.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

суроға:
734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбаж 48/5.
тел: +992 (237) 234-88-02
Сайт: www.iutet.tj. E-mail: dxs_ips@mail.ru

«19» 05 2026 с.